# СУРАТМАҶЛИСИ № 69

## аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002

28 сентябри соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шарифов Шуҳратҷон Ҷалилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ Муртазозода Ҷ.С. ва аъзои комиссияи ташхис Қурбонов Қ.Б. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Шарифов Шуҳратҷон Ҷалилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд: Исмаилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи

ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда таъин карда шавад: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе).

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

4. Санаи ҳимоя 11 январи соли 2022 соати 11:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**